**ҚАРОРИ**
**ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**№ 13**

**аз 19 декабри соли 2008** **шаҳри Душанбе**

**Дар бораи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани меъёрҳои Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки баррасии парвандаҳоро дар суди марҳилаи кассатсионӣ ба танзим медароранд**
***(бо тағйиру иловаҳое, ки бо қарори Пленум аз 23 ноябри соли 2012 №19 ворид гардидаанд)***

Бо мақсади таъмини татбиқи дуруст ва якхелаи меъёрҳои Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар суди марҳилаи кассатсионӣ ҳангоми баррасии шикоят ва эътирози кассатсионӣ, аз болои санадҳои судие, ки эътибори қонунӣ пайдо накардаанд, бо дастрасии моддаи 27 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, -

**Қ А Р О Р   К А Р Д:**

Ба судҳо тавзеҳоти зерин дода шавад.

1. Мутобиқи талаботи қисми 2 моддаи 326 Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КМГ ҶТ) шикоят ва эътирози кассатсионӣ аз рӯи ҳалномаҳои эътибори қонунӣ пайдонакардаи суди марҳилаи якум ба воситаи суде, ки ҳалномаро қабул кардааст, пешниҳод карда мешавад.

Ҳангоми пешниҳоди шикоят ё эътирози кассатсионӣ, судя бояд санҷида барояд, ки шарту тартиби бо қонун муқарраргардидаи оғоз намудани мурофиаи кассатсионӣ риоя карда шудааст ё не. Аз ҷумла: оё шахси шикоят ё эътироз пешниҳоднамуда ҳуқуқи ба тариқи кассатсионӣ шикоят ё эътироз оварданро дорад; ҳалномае, ки аз болои он шикоят ё эътироз оварда шудааст, эътибори қонунӣ пайдо кардааст ё не; оё талаботи қонун нисбат ба мазмуни шикоят ва эътирози кассатсионӣ риоя шудааст; боҷи давлатӣ вобаста ба шикояти кассатсионӣ дар ҳолатҳои бо қонун пешбинишуда, пардохт карда шудааст ё не.

Мувофиқи талаботи моддаи 325 КМГ ҶТ нисбат ба ҳамаи ҳалномаҳои судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар марҳилаи якум қабул карда шудаанд, аз ҷониби шахсони иштирокчии парванда мумкин аст шикояти кассатсионӣ ва прокурори дар парванда иштирокдошта эътирози кассатсионӣ пешниҳод карда шавад.

2. Шикоят ва эътирози кассатсионӣ ба баррасии кассатсионӣ дар ҳолате қабул мегардад, агар мазмуни он ба талаботи пешбининамудаи моддаи 328 КМГ ҶТ мутобиқ бошад, инчунин, агар тибқи қоидаҳои муқаррарнамудаи моддаи 329 КМГ ҶТ шикоят ва эътирози кассатсионӣ, далелҳои хаттии ба он замимагардида, ба суд бо нусхаҳо вобаста ба шумораи шахсони иштирокчии парванда пешниҳод карда шуда бошанд.

Шикоят ва эътирози кассатсионие, ки ба талаботи зикргардидаи қонун ҷавобгӯ намебошанд, судя мутобиқи талаботи қисми 1 моддаи 330 КМГ ҶТ дар бораи беҳаракат мондани шикоят ва эътирози кассатсионӣ таъинот қабул мекунад. Бо назардошти хусусияти камбудиҳои дар шикоят ва эътироз ҷойдошта, инчунин бо дарназардошти ҷои зист ва маҳалли воқеъ будани шахси шикоят ё эътироз пешниҳоднамуда, судя барои ислоҳи норасоиҳои ҷойдошта мӯҳлати мушаххас таъин менамояд.

Нисбат ба таъиноти суд дар хусуси беҳаракат мондани шикоят ва эътирози кассатсионӣ,

мувофиқи талаботи қисми 3 модаи 330 КМГ ҶТ шикояти хусусӣ ва эътироз овардан мумкин аст.

Дар ҳолати ба суди марҳилаи кассатсионӣ дохил шудани парванда бо шикоят ва ё эътирози кассатсионӣ, ки ҷавобгӯи талаботи моддаҳои 328 ва 329 КМГ ҶТ набошад, суди марҳилаи кассатсионӣ парвандаро ба суде, ки ҳалнома баровардааст, барои ҳал кардани масъалаи ислоҳи камбудиҳои шикоят ва эътироз бармегардонад.

3. Баргардонидани шикояти кассатсионӣ ба шахси онро пешниҳод намуда ва эътирози кассатсионӣ ба прокурор бо асосҳои муқаррарнамудаи моддаи 331 КМГ ҶТ бо таъиноти судяи суди марҳилаи якум амалӣ карда мешавад. Шахсони дар боло номбурда ҳуқуқ доранд аз болои ин таъинот ба суди болоӣ тавассути суди ҳалнома қабул карда, бо риоя намудани қоидаи қисми 2 моддаи 326 КМГ ҶТ шикоят ва ё эътирози хусусӣ пешниҳод намоянд.

Ҳамзамон, бояд дар назар дошт, ки агар шикоят ва эътирози кассатсионӣ аз тарафи шахсоне, ки чунин ҳуқуқ надоранд, пешниҳод шуда бошад, судя бо мактуби худ шикоят ва эътирозро ба онҳо бармегардонад, чунки мувофиқи талаботи моддаи 325 КМГ ҶТ ҳуқуқ ба пешниҳоди шикоят ва эътирози кассатсионӣ, танҳо ба шахсони иштирокчии парванда ва прокурори дар парванда иштирок дошта, дода шудааст.

4.Ҳангоми қабули эътирози кассатсионӣ бояд муқаррароти умумии моддаи 47 КМГ ҶТ оиди иштироки прокурор дар мурофиаи судӣ ба инобат гирифта шавад, ки тибқи он прокурор дорои ҳуқуқи муроҷиат ба суд бо ариза дар бораи ҳимояи ҳуқуқу озодиҳо ва манфиати бо қонун ҳифзшавандаи дигар шахсон ва ширкат намудан дар мурофиаи судӣ, бо мақсади додани хулоса оид ба он парвандаҳое, ки бо КМГ ҶТ ва дигар қонунҳо муқаррар шудаанд, ҳуқуқу ӯҳдадориҳои ӯ бошад, ҳамчун шахси иштирокчии парванда бо моддаи 37 КМГ ҶТ муайян карда мешавад.

5. Шикоят ва эътирози кассатсионӣ мутобиқи қисмҳои 1 ва 2 моддаи 331 КМГ ҶТ дар ҳолатҳои зерин баргардонида мешавад, агар:

-шахси шикоят ва ё эътироз пешниҳоднамуда дар мӯҳлати муқарраршуда нишондоди судяро, ки дар таъинот дар бораи беҳаракат монондани шикоят, эътироз қайд гардидааст, иҷро накарда бошад;

- мӯҳлати пешниҳоди шикоят ё эътирози кассатсионӣ гузашта бошад ва оиди барқарор намудани мӯҳлати зикргардида дархост пешниҳод нашуда бошад ё барқарор намудани мӯҳлат рад карда шуда бошад;

- шикояти кассатсионӣ инчунин бо хоҳиши шахси пешниҳоднамудаи шикоят, эътирози кассатсионӣ - дар ҳолати бозхонд шудан аз ҷониби прокурор, агар парванда ба суди марҳилаи кассатсионӣ ирсол нагардида бошад, баргардонида мешавад.

Дар таъиноти суди марҳилаи якум, судя асосҳои баргардонидани шикоят ва эътирози кассатсиониро нишон медиҳад. Мутобиқи талаботи қисми 3 моддаи 331 КМГ ҶТ шахси шикоят пешниҳоднамуда ё прокурори эътироз оварда, ҳуқуқ дорад нисбат ба таъиноти зикргардида ба суди болоӣ шикояти хусусӣ ва эътироз пешниҳод кунад.

6. Судҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки шикоят ва эътирози кассатсионӣ на танҳо аз болои ҳалномаи судӣ, балки ба қисми он масалан, қисми хулосавӣ ё асосноккунии он оид ба масъалаи тақсими хароҷоти судӣ байни тарафҳо, тартиб ва мӯҳлати иҷроиши ҳалнома, бобати дигар масъалаҳое, ки аз ҷониби суд ҳангоми баррасии парванда ҳаллу фасл ёфтааст ва инчунин аз болои ҳалномаи иловагие, ки тибқи талаботи моддаи 205 КМГ ҶТ қабул карда шудааст, оварда мешавад.

Агар шикоят ва эътирози кассатсионӣ аз болои ҳалномаи пурраи судӣ не, балки аз болои қисми он пешниҳод гардида бошад, дар чунин ҳолат ҳалномаи шикоятгардида қувваи қонунӣ пайдо намекунад.

7. Вобаста аз ҳолате, ки дар моддаи 326 КМГ ҶТ дарҷ гардидааст, пешниҳод намудани шикояту эътирози кассатсионӣ бевосита ба суди марҳилаи кассатсионӣ истисно карда мешавад.

8. Мутобиқи талаботи моддаи 360 КМГ ҶТ тарафҳо ва шахсони дигари иштирокчии парванда аз болои таъинотҳои суди марҳилаи якум ба суди марҳилаи кассатсионӣ аз ҳалнома ҷудо шикояти хусусӣ ва прокурор эътироз оварда метавонад, агар ин ҳолат бо КМГ ҶТ пешбинӣ шуда бошад ва ё агар таъиноти судӣ имконпазирии ҳаракати минбаъдаи парвандаро истисно намояд. Нисбат ба дигар таъинотҳои суди марҳилаи якум шикоятҳои хусусӣ ва эътироз оварда

намешавад, аммо норозигӣ нисбат ба онҳо метавонад ба шикоят ва эътирози кассатсионӣ дохил карда шавад. Ба чунин таъинотҳо аз ҷумла, таъинотҳо дар бораи қабули ариза ба мурофиаи судӣ, омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ, талаб кардани далел, якҷоя кардани якчанд талаботи бо ҳам алоқаманд, ҷудо намудани якчанд талабот ба мурофиаи алоҳида, дохил мешаванд.

9. Шахсе, ки мӯҳлати мурофиавии пешниҳод намудани шикоят ва эътирози кассатсиониро гузаронидааст, ҳуқуқ дорад ба суде, ки ҳалнома қабул намудааст, бо ариза дар бораи барқарор намудани мӯҳлати гузаронидашудаи мурофиавӣ муроҷиат намояд, ё ин ки чунин хоҳишро метавонад дар шикоят ва ё эътирози кассатсионӣ қайд намояд. Дар як вақт бо ариза дар бораи барқарор намудани мӯҳлати гузаронидашуда, бояд шикоят ва эътирози кассатсионӣ мувофиқ ба талаботи моддаҳои 328, 329 КМГ ҶТ пешниҳод карда шаванд.

Ариза дар бораи барқарор намудани мӯҳлати овардани шикоят ё эътирози кассатсионӣ тибқи қоидаҳои моддаи 114 КМГ ҶТ аз ҷониби суде, ки ҳалнома қабул намудааст, ба маҷлиси судӣ ба таври дахлдор огоҳ намудани шахсони иштирокчии парванда баррасӣ мегардад. Аммо ба суд ҳозир нашудани шахсони иштирокчии парвандаи гражданӣ барои аз ҷониби суд ҳал гардидани масъала оид ба барқарор намудани мӯҳлати гузаронида, монеа шуда наметавонад.

10. Нисбати таъиноти суд оид ба барқарор ё рад намудани барқарор кардани мӯҳлати пешниҳоди шикоят ва эътирози кассатсионӣ, мутобиқи қисми 6 моддаи 114 КМГ ҶТ ба суди марҳилаи кассатсионӣ шикоят овардан мумкин аст. Шахсони иштирокчии парванда аз вақт ва маҳаллӣ баррасии шикояти хусусӣ ё эътироз аз болои таъиноти зикргардида бо тартиби пешбининамудаи банди 2 қисми 1 моддаи 332 КМГ ҶТ, огоҳ карда мешаванд.

Суди марҳилаи кассатсионӣ дар навбати аввал шикояти хусусӣ ё эътирозро аз болои таъинот дар бораи рад кардани барқарор намудани мӯҳлати гузаронидаи мурофиавӣ баррасӣ менамояд. Дар сурати бекор кардани ин таъинот ва барқарор намудани мӯҳлати мазкур, парванда аз рӯи шикоят ё эътирози кассатсионӣ баррасӣ карда мешавад.

11. Суди марҳилаи якум мутобиқи моддаи 204 КМГ ҶТ ҳуқуқ дорад бо ташаббуси худ ва ё аризаи шахсони иштирокчии парванда, иштибоҳ ё хатогиҳои арифметикии дар ҳалнома ҷойдоштаро ислоҳ намояд.

Инчунин тибқи талаботи моддаи 205 КМГ ҶТ то ба қувваи қонунӣ даромадани ҳалнома, агар аз рӯиягон талабот, ки оиди он шахсони иштирокчии парванда далел пешниҳод карда, баёнот додаанду, аммо қарор қабул карда нашудааст, агар суд масъаларо оид ба ҳуқуқ ҳал намуда, андозаи маблағи ба фоидаи шахси дигар ситонидашаванда, молу мулки интиқолшаванда ё амволеро, ки бояд ҷавобгар анҷом диҳад зикр накарда бошад, ҳамчунин агар суд масъалаи хароҷоти судиро ҳал накарда бошад, ҳалномаи иловагӣ қабул менамояд.

12. Азбаски қонунгузор мӯҳлати баррасии парвандаро дар марҳилаи кассатсионӣ муқаррар кардааст, бинобар ин ҳангоми огоҳ кардани шахсони иштирокчии парванда аз вақт ва маҳалли баррасии шикоят ё эътирози кассатсионӣ бояд ҳамагуна воситаҳои гуногуни дастраси алоқаро интихоб намояд, то ки имконият диҳанд қабули маълумот аз ҷониби шахси дахлдорро назорат барад ва рӯзи ирсоли парвандаро ба суди марҳилаи кассатсионӣ тарзе ба ҳисоб гирад, ки мӯҳлатҳои бо моддаи 337 КМГ ҶТ пешбинишуда вайрон нагарданд ва имконияти воқеии иштироки бевоситаи шахсони иштирокчии парванда, дар маҷлиси судии марҳилаи кассатсионӣ таъмин карда шавад.

13. Тибқи талаботи қисми 1 моддаи 336 КМГ ҶТ суди марҳилаи кассатсионӣ қонунӣ ва асоснок будани ҳалномаи суди марҳилаи якумро бо дарназардошти ваҷҳҳои дар шикоят ё эътирози кассатсионӣ пешниҳодшуда ва норозигиҳоро нисбат ба шикоят ё эътироз санҷида мебарояд. Ҳамзамон, бояд дар назар дошт, ки мутобиқи қисми 2 моддаи 351 КМГ ҶТ ҳалномаи моҳиятан дурусти судӣ наметавонад танҳо бо як фикру мулоҳизаҳои расмӣ бекор карда шавад. Вайрон кардан ё татбиқи нодурусти меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавӣ барои бекор кардани ҳалномаи суди марҳилаи якум танҳо ба шарте асос шуда метавонад, агар ин вайрон кардан ё татбиқи нодуруст боиси ҳалли нодурусти парванда гардида бошад ё метавонист боиси он гардад.

Ҳангоми баррасии парванда суди марҳилаи кассатсионӣ, бо дарназардошти қисми 2 моддаи 336 КМГ ҶТ бо мақсади таъмини волоияти қонун ҳуқуқ дорад ҳалномаи суди марҳилаи якумро дар ҳаҷми пуррааш мавриди санҷиш қарор диҳад. Дар ҳолати зикргардида дар қарори

кассатсионӣ асосҳое, ки мутобиқи онҳо суд оиди зарурати санҷидани ҳалномаи суди марҳилаи якум дар ҳаҷми пурааш ба хулоса омадааст, бояд нишон дода шавад.

14. Бояд дар назар дошт, ки суди марҳилаи кассатсионӣ ҳалномаи суди марҳилаи якумро новобаста аз далелҳои шикоят ва эътирози кассатсионӣ дар ҳолатҳои зерин бояд бекор намояд.

Ба онҳо дохил мешаванд:

а) ҳолатҳои дар қисми 2 моддаи 353 КМГ ҶТ номбаркардашуда.

Ҳангоми татбиқи банди 2 қисми 2 моддаи 353 КМГ ҶТ бояд ба инобат гирифт, ки ҳалномаи шикоятшуда новобаста аз ваҷҳҳои дар шикоят ва эътирози кассатсионӣ овардашуда, дар сурате бекор карда мешавад, ки агар парванда ҳангоми ҳузур надоштани шахси шикоятпешниҳоднамуда, ки аз вақт ва маҳалли гузаронидани маҷлиси судӣ огоҳ карда нашудааст, баррасӣ гардида бошад. Агар чунин вайронкунӣ аз ҷониби суди марҳилаи якум нисбати тарафи дигар ё иштирокчиёни дигари парванда, ки аз болои ҳалнома шикоят наовардаанд роҳ дода шуда бошад, он гоҳ парванда аз ҷониби суди марҳилаи кассатсионӣ дар доираи ваҷҳҳои дар шикоят ё эътирози кассатсионӣ, овардашуда, баррасӣ карда мешавад;

б) ҳолатҳои дар моддаҳои 225 ва 227 КМГ ҶТ нишондодашуда, ки ҳангоми мавчуд будани онҳо суд ҳалномаро бекор карда, баррасии парвандаро қатъ менамояд ё ин ки аризаро бе баррасӣ мемононад.

15. Суди марҳилаи кассатсионӣ бояд дар назар дошта бошад, ки дар асоси моддаи 350 КМГ ҶТ ҳангоми ҳалномаи суди марҳилаи якумро пурра ё қисман бекор кардан, вазифадор аст ҳалномаи нав қабул намояд, агар вайронкунии аз ҷониби суди марҳилаи якум роҳдодашударо ба тариқи кассатсионӣ ислоҳ намудан имконпазир бошад. Бо назардошти ин ҳангоми ирсол намудани парванда ба баррасии нав ба суди марҳилаи якум дар қарори суди марҳилаи кассатсионӣ бояд асосҳое, ки барои қабули ҳалномаи нав ё тағир додани ҳалномаи суди марҳилаи якум ба тартиби бо қонун муқарраргардида монеъ гардидаанд, дарҷ карда шаванд.

Мутобиқи талаботи моддаҳои 28 ва 29-и КМГ бояд дар назар дошт, ки суди марҳилаи кассатсионӣ дар сурати ду маротиба бекор карда шудани ҳалномаҳо ва қарорҳои судӣ вобаста ба парвандаи мушаххас, ин парвандаро ба истеҳсолоти ҳамин суд қабул намуда, ба сифати суди марҳилаи якум баррасӣ менамояд.

16. Суди марҳилаи кассатсионӣ қонунӣ ва асоснок будани ҳалномаро санҷида, мутобиқи қисми 1 моддаи 336 КМГ ҶТ ҳуқуқ дорад далелҳои навро таҳқиқ намуда, ҳолатҳои навро муайян созад. Ҳамзамон, бояд дар назар дошт, ки далелҳои нав пешниҳодгардида метавонанд дар сурате мавриди таҳқиқ қарор дода шаванд, ки агар суди марҳилаи кассатсионӣ эътироф намояд, ки пешниҳоди онҳо ба суди марҳилаи якум ғайриимкон буд ё ин ки суди марҳилаи якум ғайриқонунӣ таҳқиқ намудани онҳоро рад кардааст. Ӯҳдадориҳо оиди исботи мавҷудияти ҳолатҳое, ки объективона ба шахсе, ки ба далелҳои нав ишора менамояд, барои пешниҳоди онҳо ба суди марҳилаи якум монеа мешаванд, бо назардошти принсипи мубоҳисавӣ ба ӯҳдаи ҳамин шахс вогузор карда мешавад. Қабули далелҳои нав тибқи талаботи моддаи 347 КМГ ҶТ бо қабули таъинот бо дарҷи асосҳое анҷом меёбад, ки дар асоси онҳо суди марҳилаи кассатсионӣ оиди имконнопазирии пешниҳоди далелҳои мазкур ба суди марҳилаи якум ва инчунин дахлдории далелҳои мазкур ба ҳолатҳое, ки барои дуруст баррасӣ намудани даъво аҳамият доранд ва оиди эҳтимолии онҳо ба хулоса омадааст.

Агар аз тарафи суди марҳилаи кассатсионӣ дар асоси далелҳои дар парванда мавҷуд буда ва иловатан пешниҳодгардида ҳолатҳое, ки барои дуруст ҳаллу фасл намудани он аҳамият доранд, муайян карда шаванд, он гоҳ суд тибқи сархати 4 моддаи 350 КМГ ҶТ ҳуқуқ дорад ҳалномаи суди марҳилаи якумро тағир дода ё бекор карда, ҳалномаи навро бе ирсоли парванда ба баррасии нави судӣ, ба шарте ки шахсони иштирокчии парвандаи гражданӣ бо далелҳои иловагии пешниҳодшуда шинос гардидаанд, қабул намояд. Дар акси ҳол парванда ба баррасии нав ирсол карда мешавад.

Азбаски суди марҳилаи кассатсионӣ ҳуқуқи таҳқиқи далелҳои иловагии пешниҳодгардидаро ба тариқи барои суди марҳилаи якум муқараргардида доро мебошад, амалӣ гардонидани чунин ҳаракатҳои мурофиавӣ ба мисли пурсиши шоҳид, эксперт, азназаргузаронӣ дар ҷои ҷойгиршавии он бо тартиб додани протоколи маҷлиси судӣ анҷом меёбад.

17. Агар ҳангоми баррасии парванда суди марҳилаи кассатсионӣ муқаррар намояд, ки суди марҳилаи якум омодасозии парвандаро ба муҳокимаи судӣ нагузаронидааст ё ин ки чунин омодасозӣ дар ҳаҷми пуррааш анҷом наёфтааст ва ин ба нодуруст баррасӣ кардани парванда ё ба вайрон намудани мӯҳлати баррасии он оварда расонидааст, суди марҳилаи кассатсионӣ метавонад нисбат ба вайронкунии роҳдодашуда таъиноти хусусӣ қабул намояд.

18. Суди марҳилаи кассатсионӣ бояд дар назар дошта бошад, ки аз ҷониби тараф напардохтани боҷи давлатӣ ё пурра пардохт накардани он наметавонад асоси баргардонидани парванда ба суди марҳилаи якум гардад. Дар ин ҳолат, масъала дар бораи ситонидани боҷи давлатӣ дар ҳаҷми муқаррарнамудаи қонун дар қарори кассатсионӣ бо назардошти қоидаҳои моддаи 100 КМГ ҶТ баррасӣ мегардад.

Дар ҳолате, ки агар суди марҳилаи кассатсионӣ парвандаро ба баррасии нав ирсол нанамуда, ҳалномаи суди марҳилаи якумро тағир додааст ё ин ки ҳалномаро бекор карда, ҳалномаи нав қабул намудааст, ҳуқуқ дорад тақсими хароҷоти судиро низ тағир диҳад. Агар дар чунин ҳолатҳо суди марҳилаи кассатсионӣ ҳалномаи судиро дар қисми тақсими хароҷоти судӣ тағир надода бошад, он гоҳ тибқи қисми 3 моддаи 100 КМГ ҶТ масъалаи мазкур аз рӯи аризаи шахси манфиатдор бояд аз ҷониби суди марҳилаи якум ҳаллу фасл карда шавад.

19. Ҳангоми аз ҷониби суди марҳилаи кассатсионӣ баррасӣ намудани ариза дар бораи тавзеҳ додани таъинот, ки бо он ҳалномаи суди марҳилаи якумро тағир дода ё ин ки ҳалномаро бекор карда, ҳалномаи нав қабул намудааст, инчунин ариза дар бораи аз нав баррасӣ намудани таъиноти мазкур аз рӯи ҳолатҳои нав ошкоргардида, суди марҳилаи кассатсионӣ меъёрҳои бобҳои 39 ва 41 КМГ ҶТ-ро дастрас менамояд. Таъиноти дар асоси натиҷаи баррасии чунин аризаҳо қабулгардида тибқи моддаи 356 КМГ ҶТ аз лаҳзаи қабул карда шуданаш, эътибори қонунӣ пайдо мекунад.

Азбаски суди марҳилаи кассатсионӣ ҳуқуқ надорад шикояти аз болои санади судии эътибори қонунӣ пайдонамударо баррасӣ намояд, аз болои таъиноти суди марҳилаи кассатсионӣ дар бораи қонеъ кунонидан ё рад намудани ариза дар бораи тавзеҳ додани қарори суди марҳилаи кассатсионӣ, ки бо он ҳалномаи суди марҳилаи якум тағир дода шудааст ё бекор карда шуда, ҳалномаи нав қабул кардааст, инчунин ҷиҳати рад намудани ариза дар бораи аз нав баррасӣ намудани таъиноти мазкур аз рӯи ҳолатҳои нав ошкоргардида, ба тариқи назоратӣ шикоят ва эътироз овардан мумкин аст.

20. Бинобар қабули Қарори мазкур Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июли соли 1995 №3 «Дар бораи таҷрибаи аз ҷониби судҳо ба тариқи кассатсионӣ баррасӣ намудани парвандаҳои гражданӣ (бо тағйиру иловаҳои бо қарори Пленуми Суди Олии ҶТ аз 16 августи соли 1999, № 9 воридгардида) беэътибор дониста шавад.

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** — **Н. Абдуллоев**

**Котиби Пленум,**
**Судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** — **М. Саидов**